**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 29/2с

аз «28» 03 соли 2023

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи ба охир расидани муҳлати машварати оммавӣ оид ба огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи Дастурамал оид ба намудҳои амалиёти ҳатман назоратшаванда ва тартиби пешниҳоди иттилоот дар бораи онҳо

Маркази миллии қонунгузорӣ огоҳинома дар бораи омода намудани лоиҳаи зикргардидаро, ки дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 феврали соли 2023 ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Машварати оммавӣ нисбати огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи мазкур аз 20 феврали соли 2023 то 23 марти соли 2023 гузаронида шуд.

Огоҳинома бо дарназардошти талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” таҳия гардидааст.

Тибқи қисми 3 моддаи 35 Қонуни зикргардида, субъекти таҳиякунанда оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё даст кашидан аз омода намудани он ҳуқуқ дорад.

Дар сурати қабули қарор оид ба таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, мувофиқи банди 12 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2022 тасдиқ гардидааст, дар хусуси оғози машварати оммавӣ субъектҳои манфиатдорро тариқи хаттӣ огоҳ созед.

Директор Саидзода И.Ҳ.